**Идораи чумхуриявии хукуки инсон ва риояи конуният**

# Китобчаи дасти барои махкумшудагон

(Дар шакли саволу чавоб)

Бо дастгирии моддии

**Дафтари САХА дар шахри Душанбе**

Душанбе, 2004

**Идораи чумхуриявии хукуки инсон ва риояи конуният**

**Бо дастгирии моддии**

**Дафтари САХА дар шахри Душанбе**

## Китобчаи дасти барои махкумшудагон

## Дар шакли саволу чавоб. Нашрияи якум 34 с.


Тартибдиханда: **Кахрамон Сангинов**

Мухарир: Прокурори шуъбаи назорати тафтиши пешаки ва тахкик дар макомоти корхои дохилаи прокуратураи ш. Душанбе.

**Мелибоев Ч.Ю**.

Маслихатгар: Муовини Сардори РКИ

Вазорати Адлияи Чумхурии Точикистон

**Акназарбеков Г.С.**



© Идораи чумхуриявии хукуки инсон

ва риояи конуният

# Мукаддима

1. Дар кучо ва дар кадом шакл махкумшуда бо хукукхои худ шинос шуда метавонад?.......6
2. Барои ичроиши чазои махрум сохтан аз озоди чи асос шуда метавонад?..........................6
3. Асосхои холати хукукии Шумо...……………………………………………………6
4. Аз болои муассисахои ичроиши чазо, ки назорат мебарад?............................................6
5. Чанд намуд муассисахои ислохи дар Точикистон мавчуданд?........................................6-7
6. Намудхои муассисахои ислохи…………………………………………………7-8
7. Низом дар муассисаи ислохи……………………………………………………8
8. Хукуки ба муассисаи ислохи ворид шуданро ки дорад?....................................................9
9. Интихоби намуди муассисаи ислохи…………………………………………………9
10. Муддати чанд вакт, махкумшуда ба муассисаи ислохи равона мешавад?.......................9
11.Гузаронидани Шумо ба чои ичроиши чазо чи тавр мегузарад?........................................9
12. Этап – барои махкумшудагон яке аз вазнинтарин душворихо мебошад, асосан ба он ашхосе, ки гирифтори бемории вазнин аст. Махкумшудагони гиририфтори беморихои гуногун чи тавр этап мешаванд?..........................................................................................10
13.Табобатхонаи Маркази……………………………………………………...10
14.Махкумшудагоне, ки ба муассисаи ислохи ворид шуданд, бо чи намуд ашехо таъмин карда мешаванд?...............................................................................................................10
15. Гузаронидани Шумо аз як муассиса ба муассисаи дигар, аз хисоби ки ба вучуд оварда мешавад?.....................................................................................................................10
16. Кадом махкумшуда барои ичроиши хизматрасонии хочаги ба муассисаи ислохи гузаронида нашуда, дар махбасхонаи тафтишоти барои адои чазо мемонад?.................10-11
17. Махкумшударо чи тавр ба муассисаи ислохи кабул мекунанд?
Ба кадом маросимхо Шумо дучор мешавед?........................................................................11
18.Хабаркунии хешу табор оиди чои адокунии чазо……………………………...11
19. Кадом хукукхоро ба Шумо бояд таъмин кунанд?.......................................................11-12
20. Номумкин будани табъид………………………………………………………12
21. Хукук ба гирифтани маълумот оиди хукукхои худ…………………………….13
22. Номумкин будани истифодаи азият (пытка)………..…………………………...13-14
23. Хукук ба эътирофи шарафи инсони……………………………………………14
24. Тартиби баррасии шикоятхои махкумшудагон?........................................................14-15
25. Хамчун шахси диндор Шумо чи гуна хукукхо доред?....................................................15
26.Мулокот бо хешовандон………………………………………………………15-16
27. Тартиби гузаронидани мулокот…………………………………………………16
28. Мулокот бо адвокат………...………………………………………………...16-17
29. Оё Шумо хукуки гирифтан фириставу дастовез доред?...................................................17
30. Оё Шумо хукук ба мукотиба намудан доред?..................................................................17
31. Хукук ба гаштугузор………………………………………………….…..17-18
32. Хукук ба гуфтушуниди телефонии……………………………………………..18
33. Хукук ба баромадан аз худуди муассиса……………………………………...18-19
34. Хукук ба хизматрасонии модди-маиши…………………………………………..19
35. Хучрахо……………………………………………………………………...19
36. Муросилоти пули……………………………………………………………...20
37. Таъминоти тибби дар муассисаи ислохим чи тавр аст?.....................................................20
38. Хукук ба таъминоти ичтимои ……………………………………………………..20
39. Оё Шумо озукавори харид карда метавонед?.................................................................20-21
40. Тартиботи руз дар муассиаи ислохи……………………………………………21
41. Кабули шахси аз тарафи сардор…………………………………………………..21
42. Тартиби истеъмоли хурок дар муассисахои ислохи?.........................................................21
43. Кадом ашёхоро Шумо дар камера нигох дошта метавонед?............................................21
44. Оё мумкин аст, ки ашёхои Шумо ва камераи Шуморо кофтукоб кунанд?..............21-22

45. Маълум аст, ки дар колонияхо фаъолияти фаври-чустучуи гузаронида мешавад. Максади ин фаъолият чист?........................................................................................22
46. Оё нисбати махкумшудагон чорахои хавасмандгардони истифода бурда мешаванд?........................................................................................22-23
47. Оё Шуморо ба чорахои интизоми гирифтор мекунанд?............................................23-24
48. Коидахои чудо нигохдории махкумшудагон чи гуна аст?...............................................24
49. Мехнат дар муассиаи ислохи………………………………………………………......24-25
50. Дар кадом холатхо мумкин аст, ки Шуморо ба дигар муассисаи ислохи гузаронанд?..25
51. Дар кадом холатхо муассисаи ислохи иваз карда мешавад?.....................................25-26
52. Чорахои бехатари ва асосхои татбики онхо……………………………………………26
53. Дар кадом холатхо дастбандхо истифода бурда мешаванд?............................................26
54. Дар кадом холатхо яроки оташфишон истифода бурда мешавад?..................................27
55. Шароитхои адои чазо дар муассисаи ислохи чи гунаанд?...............................................27
56. Агар ба хаёти Шумо хатаре тахдид кунад……………………………………………..27
57. Воситахои асосии ислохи махкумшудагон чи гунаанд?..................................................27

**Замима:**

Нусхаи шикоят ба харакатхои гайрихукукии кормандони муассисаи ислохи..……….28-29
Нусхаи шикоят оиди хизматрасонии сусти тибби дар муассисаи ислохи…………………29
Нусхаи ариза оиди истифодаи азият…………………………………………………29-31
Чизу чора ва намудхои захли маводи хурокае, ки махкумшуда бо воситаи фириставу дастовезхо гирифта метавонанд………………………………………………………………31
Чизу чорахо ва намудхои захли маводи хурокае, ки ба махкумшудагон доштан ва супоридан манъ аст…………………………………………………………………31-32

***Нохуши рух дод – Шумо ё одами наздики Шумо махкум шудед. Дар пеш моххои зиёд, мумкин ки солхои зиёд чудои аз оила ва ёру дустон…..***

***Чи тавр ба махкумшуда ёри расонидан мумкин аст? Чи тавр у ба худ ёри расонидан метавонад? Чи тавр кардан лозим аст, ки ин ёри ба у зарар нарасонад? Чи кор кардан лозим аст, ки муомила бо махкумшудагон адолатона ва инсондустона бошад?***

Чавобхо ба ин ва бисьер саволхои дигар, ки бо чойгиршавии шахс дар муассисаи ислохи вобастааст, дар нашрияи мазкур мавчуданд.

Хангоми тартиб додани китобча барои махкумшудагон меъёрхои конунгузории Чумхурии Точикистон ва стандартхои байналмиллалии нигохдории махкумшудагон, истифода бурда шудааст.

Инчунин ба мукаддимаи китобчаи дасти якчанд нусхахои хуччатхои мурофиави ба монанди аризаву шикоятхо, ки ба Шумо хангоми вайрон кардани хукукхои Шумо аз тарафи кормандони муассисахои ислохи лозиманд, дохил намудем.

Умедворем, ки нашрияи мазкур ба Шумо фоиданок буда, барои мустакилона хифз намудани хукукхоятон ери мерасонад.

**1. Дар кучо ва дар кадом шакл махкумшуда бо хукукхои худ шинос шуда метавонад?**

Маълумот дар бораи хукук ва ухдадорихоятон дар шакли хатти ва е шифои, хамзамон пас аз ворид шудан ба муассисаи ислохи, ба Шумо расонида мешавад.

Холати хукукии Шумо бо он баён мешавад, ки Шумо хукук ва ухдадорихои шахрвандони Чумхурии Точикистонро доред, ки ин хукукхо бо Конститутсия, Кодекси ичрои чазои чинои, стандартхои байнанхалки, дигар конунхо ва Коидахои тартиботи дохилии муассисахои ислохи, махдуд мешаванд.

Шумо хукук доред аз маъмурияти колонияи ислохи талаб кунед, ки Шуморо бо хамаи ин хучаттхо шинос кунад.

**2. Барои ичроиши чазои махрум сохтан аз озоди чи асос шуда метавонад?**

Асос барои ичроиши чазо ва таъмини дигар намуди чорахои хусусияти хукуки-чинои дошта, хукм, таъинот ва е карори судии ба кувваи конуни даромада, инчунин санади авф ё бахшиши чазо шуда метавонад[1].

**3. Асосхои холати хукукии Шумо**

Чумхурии Точикистон хукук ва озодихои Шуморо хамчун махкумшуда эхтиром ва мухофизат мекунад, шароитхои конунии ичрои чазо, кафолати ичтимои, мухофизати хукуки, инчунин мухофизати шахси хангоми ичроиши чазоро, таъмин мекунад.

Хангоми ичроиши чазо ба махкумшудагон хукук ва озодихои шахрвандон, бо як катор махдудиятхои конунгузор пешбини карда, кафолат дода мешавад[2].

**4. Аз болои муассисахои ичроиши чазо, ки назорат мебарад?**

Назорати бевосита аз болои муассисахо ва макомотхои ичроиши чазо, аз тарафи макомотхои болоии раесатхо ва шахсони мансабдор, ба амал баровардa мешавад. Дар ин холат хамчун макомоти болои Раесати корхои ислохии Вазорати Адлия ва шахсони мансабдорони ин раесат баромад мекунад.

Назорат аз болои фаъолияти муассисахо ва макомотхое, ки чазоро ичро мекунанд, суд ба амал мебарорад. Суд инчунин назоратро аз болои ичроиши катъии чазо ва сари вакт гузаронидани махкумшуда аз Махбасхонаи тафтишоти ба муассисаи ислохи ба амал мебарорад.

Ба гайр аз ин, назоратро аз болои ичроиши якхела ва риояи катъии конунхо хангоми ичроиши чазо, Прокурори Генералии Чумхурии Точикистон ва прокуророни ба у тобеъ буда ба амал мебароранд. Дар Прокуратураи Генерали инчунин шуъбаи назорат аз болои ичроиши конунхо дар чойхои махрум аз озоди, дар тобеъияти прокуратураи генерали – прокуратураи махсус мавуд хастанд, ки назоратро аз болои муассисахои ислохи ба амал мебароранд.

**5. Чанд намуд муассисахои ислохи дар Точикистон мавчуданд?**

***Барои бисери махкумшудагон лозим аст донанд, ки чазои чиноиро дар кучо адо мекунанд.***

Мувофики конунгузории ичроиши чазои чиноии Точикистон, муассисахои ислохи ба колонияхои ислохи, колонияхои тарбияви, махбасхо, муассиахои муоличави-ислохи таксим мешавад. Бахри гузаронидани корхои хочаги, махкумшудагонро дар махбасхонахои тафтишоти мемонанд ва ба муассисахои ислохи намегузаронанд, махбасхонаи тафтишоти дар ин холат вазифаи муассисахои ислохиро ичро мекунанд.

Муассисахои ислохи ва махбасхо барои ичроиши чазои махкумшудагоне, ки ба махрум сохтан аз озоди махкум шудаанд, таалук доранд. Муассисахои ислохи бошад ба

[1] КИЧЧ м. 4
[2] КИЧЧ м.15

колонияхои – сукунат, колонияхои низомаш умуми, низомаш пурзур, низомаш сахт ва низомаш махсус таксим мешаванд.

Дар колонияхои тарбияви, чазороноболигоне, ки ба махрум сохтан аз озоди махкум шудаанд, инчунин махкумшудагоне, ки дар колонияхои тарбияви то расидан ба сини 20-солаги монда шудаанд, адо мекунанд[3].

**6. Намудхои муассисахои ислохи**

1. *Колонияхои ислохии-сукунат*

Дар чунин намуд колонияхо мардоне адои чазо мекунанд, ки чиноятро аз беэхтиёти содир кардаанд, ба мухлати на зиеда аз 5 сол махрум аз озоди махкум шудаанд, инчунин занхое, ки чиноятро аз беэхтиети содир кардаанд.

Дар колонияхои ислохии-сукунат барои махкумшудагони тафсияашон хуббуда, махкумшудагоне адои чазо мекунанд, ки аз колонияхои низомаш умуми, пурзур ва сахт гузаронида шудаанд.

2. *Колонияхои ислохии низомаш умуми*

Дар колонияхои ислохии низомаш умуми занон ва мардоне адои чазо мекунанд, ки якум маротиба барои баркасдона содир намудани чинояти начандон вазнин ва дарачаи миена, инчунин мардоне, ки ба махрум сохтан аз озоди ба мухлати зиеда аз панч сол махкум шудаанд ва барои содир намудани чиноят аз беэхтиети махкум шудаанд. Занхое, ки чиноятро бо рецидиви махсус содир кардаанд, низ дар ин колония нигох дошта мешаванд.

3. *Колонияхои ислохии низомаш пурузур*

Дар колонияхои ислохии низомаш пурзур мардоне адои чазо мекунанд, ки якум маротиба чинояти баркасдонаи дарачаи вазнин содир кардаанд.

4. *Колонияхои ислохии низомаш пурзур*

Дар колонияхои ислохии низомаш пурзур мардоне адои чазо мекунанд, ки якум маротиба ба чазои махрум сохтан аз озоди барои содир намудани чинояти вазнин махкум шудаанд, инчунин мардоне, ки дар холати рецидиви чиноят е ин ки пештар чазои махрум аз озоди махкум шуда буданд. Боз ба ин намуд колонияи ислохи занхоеро кабул мекунанд, ки дар холати рецидиви махсусан хафвнок махкум шудаанд ва заноне, ки чазои хукми катл ба чазои махрум сохтан аз озоди иваз карда шудааст.

5. *Колонияи ислохии низомаш махсус*

Дар колонияхои ислохии низомаш махсус мардоне, адои чазо мекунанд, ки дар холати рецидиви махсус махкум шудаанд ва махкумшудагоне, ки чазои хукми катл ба чазои махрум аз озоди иваз карда шудааст.

6. *Махбасхо*

Дар махбасхо мардоне нигох дошта мешаванд, ки барои содир намудани чиноятхои вазнин ба мухлати зиеда аз 10 сол махкум шудаанд. Инчунин мардоне, ки дар холати рецидиви махсусан хафвнок чиноят содир намуданд бо нигохдории кисми чазо дар махбас, лекин на зиёда аз панч сол.

Махбасхо ба махбасхои низомашон умуми ва махбасхои низомашон сахт таксим мешаванд.

Дар худуди Чумхурии Точикистон 18 муассисаи ислохи мавчуд аст, ки аз он 5-то махбасхонаи тафтишоти, 1- колонияи тарбияви, 4-колонияи сукунат, 1-махбас ва 7 колонияи ислохии низомашон гуногун мавчуд мебошанд

| Муассисаи ислохи | Низоми нигохдори | Чои мавкеъ |
|---|---|---|
| Колонияи ислохи № 1 | низоми сахт | ш. Душанбе |
| Колонияи ислохи № 5 | низоми умуми | ш. Яван |
| Колонияи ислохи № 6 | низоми сахт | ш. Вахдат |

[3] КИЧЧ м.71

| | | |
|---|---|---|
| Колонияи ислохи № 7 | низоми пурзур | ш. Душанбе |
| Колонияи ислохи № 19 | низоми пурзур | ш. Худжанд |
| Колонияи ислохи № 21 | изолятори махсус | ш. Душанбе |
| Колонияи ислохи № 23 | низоми сахт | ш. Худжанд |
| Колонияи ислохи № 13 | занона | Чалчале |
| Махбаси № 1 | махбаси низоми махсус | ш. Курган-тюбе |
| Колонияи тарбияви | Барои хукуквайронкунони ноболиг | ш. Душанбе |
| Колонияи-сукунат № 10 | - | дар Гарауты |
| Колонияи-сукунат № 20 | - | ш. Вахдат |
| Колонияи-сукунат № 22 | - | ш. Худжанд |
| Махбасхонаи тафтишоти № 1 | - | ш. Душанбе |
| Махбасхонаи тафтишоти № 8 | - | ш. Курган-тюбе |
| Махбасхонаи тафтишоти № 4 | - | ш. Куляб |
| Махбасхонаи тафтишоти № 3 | - | ш. Хорого |
| Махбасхонаи тафтишоти № 2 | - | ш. Худжанд |

### 7. Низом дар муассисаи ислохи

***Бисери вакт махкумшуда дар чавоби хохиши худ мешунавад, ки ин бо низоми колония мумкин нест. Пас худи низом чист?***

Низом – тартиботи адо намудани мухлати чазо мебошад, ки онро конун ва дигар меъёрхои конуни мукарар кардаанд ва ин низом:

- Мухофизат ва чудонигохдории махкумшудагонро таъмин мекунад;
- Назорати харвактаро аз болои махкумшудагон таъмин мекунад;
- Назорати таъмини ухдадорихои махкумшудагонро ичро мекунад;
- Баамалбарории хукук ва ухдадорихои махкумшудагонро таъмин мекунад;
- Мухофизати шахсии махкумшудагон ва кормандонро таъмин мекунад;
- Чудо нигохдории хар намуд махкумшудагонро таъмин мекунад;
- Иваз намудани шароити тамом кардани чазоро таъмин мекунад.

Максади низом - ба вучуд овардани шароитхо барои ислохи махкумшудагон, на ин ки бадкунии хаёти махкумшуда, то ки у азоб кашад[4].

Низоми дар муссисаи ислохи кабул шуда, бояд таъмин намояд, ки фарки зиндагии махкумшударо дар махбас ва озоди ба хадди акал оварда расонад. Чунки ин фаркият, дар шахс хиссиети чавобгари ва дарки шаъну шарафи инсониро бадхуш мекунад. Камкунии фаркияти зиндагони дар махбас ва дар озоди, барои дар зиндагонии ояндаи махкумшуда бо чамъият ва ба мухит мувофик шудани у, зарур аст.

### 8. Хукуки ба муассисаи ислохи ворид шуданро ки дорад?

Ба муассисахои ислохи, бе ичозати махсус танхо хангоми ичроиши ухдадории хизматии худ, чунин шахсон метавонанд ворид шаванд:

а) Президенти Чумхурии Точикистон, Сарвазири Чумхурии Точикистон, аъзоёни Мачлиси Милли, вакилони Мачлиси намояндагони Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон;

б) Прокурори Генерали инчунин прокуророне, ки махсус аз болои муассисахои ислохи назорат мебаранд;

в) Сардорони макомотхо ва раесатхое, ки ичроиши чазоро таъмин мекунанд;

---
[4] КИЧЧ м.82

г) Вакилон ва намояндагони комиссия, ки назоратро аз болои макомотхо ва муассисахое, ки ичроиши чазоро дар худуди муайян, таъмин мекунанд.

Намояндагони Воситахои ахбори умум ва дигар шахсон хукуки ба муассисахои ичроиши чазо, танхо бо ичозати махсуси маъмурияти ин муассиса ва ё макомотхои идоракунии болоии ин муассисахо, ворид шуда метавонанд.

Дар худуди Чумхурии Точикистон низ ташкилотхои гайриконунии байнанхалки ва дохили кор мебаранд, ки фаъолияташон ба назорати шахрванди аз болои муассисахои ислохи равон шудааст. Ин ташкилотхо дар муассисахои ислохи хар намуд мониторингхо, барои маълум сохтани масъалахои асосии махкумшудагон ва кормандони муассисахои ислохи мегузаронанд, назорат мебаранд, ки чи тавр давлат хукукхои махкумшудагонро риоя мекунад. Инчунин ин намуд ташкилотхо бо розиги ва якчоягии маъмурияти муассисахои ислохи хар намуд семинархои маорифи, барои омузиши махкумшудагон, мегузаронанд[5].

**9. Интихоби намуди муассисаи ислохи**

Намуди муассисаи ислохиро бо низоми мувофик, ки дар он махкумшуда бояд чазои махрум сохтан аз озодиро адо кунад, дар асоси конунгузории чиноии Чумхурии Точикистон, суд таъин мекунад.

Хамин тарик, танхо бо хукми суд нисбати Шумо мумкин аст чазои махрум аз озоди таъин карда шавад, агар Кодекси Чиноятии Чумхурии Точикистон, барои кирдори содирнамудаи Шумо чунин намуди чазоро пешбини намуда бошад.

**10. Муддати чанд вакт, махкумшуда ба муассисаи ислохи равона мешавад?**

Агар Шумо ба махрум сохтан аз озоди махкум шуда бошед, маъмурияти махбасхонаи тафтишоти бояд дар муддати на зиеда аз 10 руз пас аз гирифтани хукми суд, Шуморо ба чои ичроиши чазо баранд. Дар ин вакт Шумо хукук доред, ки як маротиба бо хешу табори худ мулокоти кутохмуддат гузаронед[6].

**11.Гузаронидани Шумо ба чои ичроиши чазо чи тавр мегузарад?**

Ба чои ичроиши чазо ва аз як муассиса ба муссисаи дигар Шумо дар зери назорати каравулон гузаронида мешавед.

Ивазкунии муассиса дар зери назорати каравулон бо тартибот ва коидахои махсус гузаронида мешавад: занхо аз мардхо чудо; ноболигон аз дигар махкмушудагон чудо; махкумшудагони чазои хукми катл таъин шуда аз дигарон чудо; махкумшудагоне, ки бо шарики чиноят содир намудаанд аз якдигар чудо. Махкумшудагони гирифтори бемории сил ё ашхосе, ки курси пурраи муоличаи касалихои зухравиро нагузаштаанд, инфексияи ВИЧ, инчунин махкумшудагони гирифтори касалихои рухи, аз дигарон чудо гузаронида мешаванд. Дар холати даркори ин намуд махкумшудагон дар тахти назорати духтур аз чой ба чой гузаронида мешавад.

**12. Этап – барои махкумшудагон яке аз вазнинтарин душворихо мебошад, асосан ба он ашхосе, ки гирифтори беморӣи вазнин аст. Махкумшудагони гиририфтори беморихои гуногун чи тавр этап мешаванд?**

Этап – гузаронидани махкумшуда аз як муассиса ба муассисаи дигар, дар холати мо аз Махбасхонаи тафтишоти, ба муассисаи ислохи барои ичроиши чазо мебошад.

---

[5] КИЧЧ м.29
[6] КИЧЧ м. 73

Махкумшудагони гирифтори бемории сил ё ашхосе, ки курси пурраи муоличаи касалихои зухравиро нагузаштаанд, инфексияи ВИЧ, инчунин махкумшудагони гирифтори касалихои рухи аз дигарон чудо дар мошинхои чудо этап мешаванд, бо таъини духтур бо назорати кормандони тибби гузаронида мешаванд. Хангоми расидан ба муассисаи ислохи, беморон ба шуъбаи санитарии муассиса чой карда мешаванд.

**13.Табобатхонаи Маркази**

Дар худуди колонияи исохии №1 шахри Душанбе Табобатхонаи Марказии Раесати корхои ислохии Вазорати адлияи Чумхурии Точикистон амал мекунад, ки дар он беморони гирифтори намуди вазнини касали сил, табобат мегиранд.

Ашхосе, ки дар муассисаи дигари ислохи адои чазо мекунад, лекин гирифтори бемории сил, инфексия ВИЧ мебошад, дар шуъбаи санитарии он муассиса табобат меёбад. Ин намуд беморонро маъмурияти муассисаи ислохи акаллан як маротиба ба Табобатхонаи маркази бурда, аз назорати духтурони он чо мегузаронанд. Бо карори комиссияи Табобатхонаи мазкур, беморро ё дар Табобатхонаи Маркази барои табобат мемонанд, ё гашта ба колонияи ислохии омадааш мефиристанд. Хангоми сихат шудан, ё дар холати хуб шудани саломатии махкумшуда, уро гашта ба колонияи худ барои адои чазо мефиристанд.

Дар Табобатхонаи Маркази инчунин, шуъбаи касалихои рухи барои махкумшудагоне, ки дар муассисаи ислохи ба бемории рухи гирифтор шудаанд мавчуд аст.

**14.Махкумшудагоне, ки ба муассисаи ислохи ворид шуданд, бо чи намуд ашехо таъмин карда мешаванд?**

Хангоми ба муассисаи ислохи гузаронида шудан, дар тамоми рохи равон ба чои лозима, Шуморо бояд бо либос ва пойафзол мувофики мавсим, инчунин хуроквории чавобгу ба меъёрхои махкумшудагон таъмин кунанд.

**15. Гузаронидани Шумо аз як муассиса ба муассисаи дигар, аз хисоби ки ба вучуд оварда мешавад?**

Гузаронидани Шумо аз як муассиса ба муассисаи дигар, аз хисоби давлат ба вучуд оварда мешавад.

**16. Кадом махкумшуда барои ичроиши хизматрасонии хочаги ба муассисаи ислохи гузаронида нашуда, дар махбасхонаи тафтишоти барои адои чазо мемонад?**

Дар холатхои истиснои, агар Шумо якум маротиба ба махрум сохтан аз озоди ба мухлати на зиёда аз 7 сол бо адои чазо дар колонияи низомаш пурзур, махкум шуда бошед, бо розигии Шумо, Шуморо дар махбасхонаи тафтишоти барои хизматрасонии хочаги мемонанд.

Монондани махкумшудагон дар махбасхонаи тафтишоти бахри ичроиши хизматрасонии хочаги танхо бо ичозати срадори махбасхонаи тафтишоти ва розигии хатии худи махкумшуда, ба амал оварда мешавад. Агар Шумо дар махбасхонаи тафтишоти бахри ичрои хизматрасонии хочаги монда бошед, чои нигохдори ва шароитхои нигохдории Шумо бояд ба шароити нигохдории колонияи низомаш умуми мувофик бошад.

Аз хотир набаоред, ки бе ичозати хаттии худ, Шуморо бахри ичрои хизматрасонии хочаги дар махбасхонаи тафтишоти намемонанд[7].

**17. Махкумшударо чи тавр ба муассисаи ислохи кабул мекунанд?**
**Ба кадом маросимхо Шумо дучор мешавед?**

Шуморо ба муассисаи ислохи оварданд. Кабули Шумо ба муассисаи ислохи аз чониби маъмурияти колония ва корманди махсус сурат мегирад. Дар колонияхои тарбияви дар кабули махкумшуадгон боз корманди шуъбаи тибби иштирок мекунад.

Дар хотир дошта бошед, ки Шуморо ва либосу ашёхои бо худ бударо пурра кофтукоб мекунанд. Дар муддати як шабонаруз Шумо аз назорати тибби гузашта, пас аз он ба муддати то 15 шабонаруз дар шуъбаи карантин чойгир карда мешавед. Хангоми дар шуъбаи карантин буданатон Шуморо бо тартиб ва шароитхои адои чазо, бо хукуку ухдадорихоятон шинос мекунанд. Боз оиди чавобгари барои вайрон кардани низом огохонида мешавед инчунин, ба Шумо фахмонда мешавад, ки дар кадом холатхо нисбати Шумо зуровари, воситахои махсус ва  ярок истифода бурда мешавад. Ба Шумо бояд фахмонда диханд, ки Шумо хукуки мурочиат бо аризаву шикоятхо ба маъмурияти муассисаи ислохи, макомоти болои, ба макомоти прокуратура  ва суд доред.

Дар мухлати на зиеда аз 10 руз ба сурогаи яке аз хешовандони Шумо (Шумо хукук доред интихоб кунед ба ки) хабарнома фиристода мешавад. Ба гайр аз ин дар хабарнома чунин маълумотхо бояд бошанд: сурогаи муассисаи ислохи, руйхати ашехое, ки ба Шумо бо воситаи фириставу - дастовез гирифтан мумкин аст, инчунин коидахои мукотиба, гирифтани мулокот, сафар ба берун аз муассиса ва гирифтани муросилоти пули, оиди хукуки гуфтугуи телефонии.

Инчунин, Шуморо бояд, ки бо либос ва лавозимоти хобкуни (чилди болишт ва чойпуш) таъмин кунанд. Либос бояд ба мавсим ва шароитхои махсуси кори мувофик бошад. Либоси ба Шумо дода шуда бо хусусиятхои худ, набояд шаъну шарафи Шуморо паст занад.

**18.Хабаркунии хешу табор оиди чои адокунии чазо**

Пас аз гузаронидан аз як муассиса ба муассисаи дигар, Шумо хукук доред, ки ба маъмурияти муассисаи ислохи мурочиат кунед, то ки онхо аъзоёни оилаи Шуморо оиди чои адои чазо, хабардор кунанд.

Худи маъмурияти муассисаи ислохи низ ухдадор аст, ки оиди гузаронидани Шумо аз як муассиса ба муассисаи дигар, дар мухлати 10 руз аз рузи ворид шуданатон эътиборан, аъзоени оилаи Шуморо хабардор кунанд.

**19. Кадом хукукхоро ба Шумо бояд таъмин кунанд?**

Новобаста аз ваъзият, хамаи одамон хукукхои асосию умда доранд ва бе асосхои конуни аз онхо махрум шуда наметавонад. Ашхосоне, ки дастгир карда шудаанд ё махкум шудаанд, ба мухлати муайян аз хукук ба озоди махрум мешаванд.

Риояи баъзе хукукхо бо худи амали дастгиркуни ё махкумшави махдуд карда мешавад. Хукук ба озоди, рафтуомади озодона, хукуки интихобот низ ба ин намуд хукукхо дохил мешаванд.

Ин чо мо руйхати хукукхои асосии Шуморо пешниход мекунем, ки кафолати онхоро стандартхои байнанхалки ва дохилии нигохдории махкумшудагон медиханд.

1. Номумкин будани табъид бо аломатхои лихози нажод, ранги пуст, чинс, забон, дин, акидаи сиёси ё дигар, асли милли ё ичтимои, ваъзи Молли, асли оилави.

[7] КИЧЧ м. 76

2. Шумо хукук ба гирифтани маълумоти хатти оиди хукук ва ухдадорихои худ, оиди тартиб ва шароитхои адои чазои суд таъин намуда доред. Муассиса ва ё макомот, ки ичрои чазоро таъмин мекунад, бояд ба Шумо ин намуд маълумотро пешниход кунад ва бо таъгиротхои тартибот ва шароитхои адои чазо, шинос кунад.
3. Шумо хукук доред, ки кормандони муассисаи ислохи бо Шумо рафтори хуб кунанд. Шуморо набоянд, ки тахти азият ё муомила ва чазои сахт, гайриинсони ё тахкиркунандаи шараф карор диханд. Чорахои мучозот (аз кабили чойгиркуни ба карцер, изолятори чаримави ва г.) ба Шумо танхо дар асоси конун татбик карда мешаванд.
4. Шумо хукук доред, ки аризаву шикоятхо нисбати маъмурияти муассисаи ичрокунандаи чазо, ба макомотхои болои онхо, суд, макомоти прокуратура, дигар макомотхои давлати, ташкилотхои чаъмияти инчунин ба ташкилотхои байнанхалкии хифзи хукук ва озодии инсон мурочиат кунед.
5. Шумо хукуки озодии дин, ичро кардани расму оинхои диниву маросимиро доред.
6. Шумо хукук ба мулокот бо аъзоёни оила, хешу табор, инчунин хукук ба кабули озукавори ва дигар ашёхои лозима доред.
7. Барои гирифтани ёрии хукуки, Шумо метавонед аз хизмати адвокатон ва дигар шахсони ухдадори додани ёрии хукуки, истифода баред
8. Шумо хукуки мукотиба намудан доред.
9. Шумо хукук ба гаштугузор доред.
10. Шумо хукук ба гуфтугуи телефони доред.
11. Шумо хукук ба унвони худ гирифтани муросилоти пули ва кабули он доред.
12. Шумо хукук ба сафар намудан ба берун аз муассисаи ислохи доред.
13. Шумо инчунин хукук ба хизматрасонии модди-маиши доред.
14. Шумо хукук ба хифзи саломати, инчунин ба гирифтани ерии аввалини тибби доред.
15. Шумо хукук ба гирифтани таъминоти ичтимои доред, аз он чумла гирифтани нафака ва ёрии ичтимои дар асосхои якхелаи мукарар намудаи конунгузории Чумхурии Точикистон.

Таъмин намудани хукукхои Шумо набояд Коидахои тартиботи дохилии муассисаи ислохиро поймол кунад, инчунин хукук ва манфиатхои дигар шахсонро поймол кунад.

### 20. Номумкин будани табъид

Табъид бо аломатхои лихози нажод, ранги пуст, чинс, забон, дин, акидаи сиёси ё дигар, асли милли ё ичтимои, ваъзи молли, асли оилави номумкин аст[8].

Табъид гуфта, бо сабабхои дар боло нишон додашуда, расонидани зарар ё поймол намудани хукукхои махкумшудагони алохидаро, меноманд. Аз ин чо бармеояд, ки хар намуд фаъолияти муассисахои ислохи, ки бо галатфахми, афзал донистан, хурофот ё таасуби дини асос ёфтааст, номумкин аст.

Чудокунии чисмони ва ичтимоии махкумшудагони гирифтори инфексияи ВИЧ, ки аз тарсу фахм ва надоштани маълумот оиди гузариши инфексияи ВИЧ, мисоли таъбид шуда метавонад.

### 21. Хукук ба гирифтани маълумот оиди хукукхои худ

[8] Коидаи 6 стандартхои акалии коидахои муомила бо махкумшудагони СММ

Вакте Шуморо ба муассиса ислохи меоранд, Шуморо бояд бо тартиб ва шароитхои адои чазо, бо хукуку ухдадорихоятон шинос кунанд. Боз оиди чавобгари барои вайрон кардани низом огохонида шавед инчунин, ба Шумо фахмонда мешавад, ки дар кадом холатхо нисбати Шумо зуровари, воситахои махсус ва ярок истифода бурда мешавад. Ба Шумо бояд фахмонда диханд, ки бо аризаву шикоятхо ба маъмурияти муассисаи ислохи, макоомоти болои, ба макомоти прокуратура ва суд мурочиат карда метавонед. Шумо хукук доред, ки нусхаи Коидахои тартиби дохилии муассисаи ислохиро барои шиносшави талаб кунед.

Шиносшави бо Коидахои тартиби дохили барои ба мухити махбас мувофик шудан, лозим аст.

Дар холате, ки агар ба Шумо нусхаи Коидахоро барои шиносшави надиханд, нусхаи аслиро талаб кунед. Дар холате, ки агар ба Шумо ягон чои Коидахо нофахмо бошад, талаб кунед, то ки ба Шумо бо забони фахмо ва осон фахмонда шавад.

## 22. Номумкин будани истифодаи азият (пытка)

Шуморо набоянд, ки тахти азият ё муомила ва чазои сахт, гайриинсони ё тахкиркунандаи шарафи у карор диханд. Чорахои мучозот ба Шумо бояд танхо дар асоси конун татбик карда шаванд.

Азият – ин харакате мебошад, ки

- ба шахс баркасдона расонидани азобу шиканчаи чисмони ё рухи расонида мешавад,
- бахри гирифтан аз у ё шахси сеюм маълумот ё икрор шудан,
- додани чазо барои харакатхое, ки у ё шахси сеюм содир кардааст ё гумонбари содир намудани ин харакат аст, инчунин тарсонидан ё мачбур намудани у ё шахси сеюм,
- ё ин, ки бо сабабхои гуногун, ки бо табъиди аломатхои гуногун дошта асос ёфтааст,
- вакте ин дард аз тарафи шахси мансабдори давлати ё шахси дигар, ё бо игвогари, ё бо розигии хомуши онхо расонида шудааст[9].

Азобу шиканчахое, ки аз ин санкция чудонашавандаанд ва ё аз онхо нохост пайдо мешаванд, ба ин мафхум дохил намешаванд.

Кадом вакт чазо ё муомилот хамчун азият, гайриинсони ё тахкиркунандаи шараф хисобида мешавад? Бо назардошти принципхои умумие, ки махбасхои як катор давлатхо тайёр карда баромаданд, чазо он вакт гайриинсони ва тахкиркунандаи шараф хисобида мешавад, агар он:

а) барои харакати гузаронидашуда ё баландбардории интизом ва низоми лозима, номувофик бошад;

ё б) беаклона;

ё в) лозим нест;

ё г) худсарона;

ва д) азобу шиканчаи бехуда ё беасос меорад.

Бахри муайян намудан, оё чазои таъиншуда ин шартхоро вайрон мекунад ё не, бояд, ки чунин омилхо ба инобат гирифта шавад.

1. давомноки ва тафсияи чазо;
2. холати саломатии чисмони ва/ё аклии махкумшуда;
3. мувофикият ба конунхо.

---

[9] М. 117 КЧ ЧТ, м. 1 Конвенция зидди азият ва дигар муомила ва чазои сахт, гайриинсони ё тахкиркунандаи шарафи инсон.

***Дар хотир доред, ки шахсони мансабдори махбасхо хукук надоранд, ки муомилаи берахмона бо махкумшудагонро, бо конунгузори ва ё дастурамал макомотхои болои, асоснок кунанд, зеро чунин харакат дар конунгузори пешбини нашудааст.***

### 23. Хукук ба эътирофи шарафи инсони

Шароитхои зиндагони дар махбасхо яке аз омилхои асоси мебошанд, ки хиссиёти шарафи хешро ва худхурматии махкумшударо муайян мекунанд. Чои хобби у, намуди пушидани либоси ичозат дода, чи намуд ва дар кучо истеъмол намудани хурок, чои хоб бо лавозимоти хобби дорад ё ин ки бо хар гуна латтахои кандашуда болопуш мекунанд, оё имконияти оббозикуни дорад ва чанд маротиба, оё харвакта метавонад ба хочатхона равад ё ин ки бояд хар вакти лозима аз кормандони махбас хохиш (баъзан илтимос) кунад,- хамаи ин барои холати рухии махкумшуда нуфузи калон дорад.

**Хамаи ашхосе, ки ба махрум сохтан аз озоди махкум шудаанд, хукук ба муомилаи инсондустона ва эхтироми шарафе, ки хоси шахсияти инсони мебошад, доранд[10].**

Муомилаи инсондустона бо хамаи шахсони аз озоди махрум шуда, бо эхтироми шарафи онхо, яке аз коидахои асосии таъиноти универсали мебошад. Барои хамин таъиноти ин коида, хамчун хадди акал, набояд ба шароити моддии давлат вобаста бошад. Ин коида бояд бе ягон мамонияти ва фаркияти лихози нажод, ранги пуст, чинс, забон, дин, акидаи сиёси ё дигар, асли милли ё ичтимои, вазъи молли, асли оилави таъмин шавад.

### 24. Тартиби баррасии шикоятхои махкумшудагон?

Вакте шахс ба муассисаи ислохи хамчун махкумшуда ворид мешавад, у аз чамъият чудо монда, бо тартиби чазодихандаи давлат як ба як мемонад. Дар ин холат хам конунгузории дохилии давлат, хам стандартхои байнанхалки барои бурдани назорат аз болои риояи хукуки махкумшудагон дар муассисахои ислохи, чорахои махсусро пешбини мекунад.

Дар холате, ки Шумо оиди нигохдори дар муассисаи ислохи ягон шикоят дошта бошед, рафтори гайрихукукии кормандони муассиса, вайронкунии хукукхо, Шумо хукук доред бо арзу шикоят ба маъмурияти муассисаи ислохи, маъмурияти раёсати болои, макомоти прокуратура ва ё суд мурочиат кунед.

Аризаву шикоятхои Шумо ба макомотхои прокуратура, суд, иттиходияхои чамъияти, танхо бо воситаи маъмурияти муссисаи ислохи равон карда мешаванд.

Аризаву шикоятхои Шумо, ки ба макомоту муассисахое, ки аз болои фаъолияти муассисахои ислохи назорат мебаранд, аз цензура намегузаранд ва дар муддати як руз, ба гайр аз рузи истирохати, ирсол карда мешаванд.

Хамин тарик, агар шикояту аризахои Шумо ба макомотхои болоии муассисахои ислохи, суд ва прокуратура равона бошанд, пас маъмурияти муассисаи ислохии Шумо ин мактубхоро хонда наметавонад ва Шумо метавонед, ки мактубхои худро бо лифофахои махкама супоред.

Аризаву шикоятхое, ки ба дигар макомотхои давлати ё/ва иттиходияхои чамъияти равона карда мешаванд, аз цензура мегузаранд.

Макомотхо ва шахсони мансабдоре, ки арзу шикоятхои Шумо ба онхо равона шудаанд, боянд, ки дар мухлати мукарар намудаи конун арзу шикоятхоро дида бароянд ва аз натичаи он ба Шумо хабар диханд. Арзу шикоятхои шахрвандон дар муддати як мох ва арзу шикоятхое, ки ба тафтишии иловаги мухточ нестанд дар мухлати на зиёда аз 15 руз дида баромада мешаванд.

---

[10] м. 10 Паймони байнанхалки доир ба хукуки шахрванди ва сиёси

Дар холатхое, ки барои дида баромадани арзу шикоят тафтиши иловаги, чамъ намудани хучаттхои лозима ё кабул намудани чорахои дигар лозиманд, дар холатхои истисној мумкин аст, ки мухлати дида баромадани арзу шикоят дароз карда шавад. Лекин мухлати умумии дида баромадани арзу шикоят набояд аз ду мох зиёд шавад ва оиди ин карор бояд, ки арзкунанда хабардор шуда бошад[11].

**Донед,ки** оиди хар як арзу шикояти Шумо, маъмурияти муассисаи ислохи хатман бо фикру мулхизахои худ мактуб мефиристад.

### 25. Хамчун шахси диндор Шумо чи гуна хукукхо доред?

Ба Шумо, хамчун махкумшуда озодии вичдон ва диндори кафолат карда мешавад. Хар як махкумшуда хукук дорад худсарона муносибати худро ба дин муайян кунад ва худ чудо ё бо дигарон парастории як дин буда, ичрои расму оинхои диниву маросимиро гузаронад инчунин, акидахои динии худро дошта бошад.

Агар Шумо аз маъмурияти муассисаи ислохи хохиш кунед, мумкин аст, ки ба Шумо барои ичрои расму оинхои дини рафтан ба муассисаи диние, ки дар худуди нохияи истикоматии муассисаи ислохи наздик аст, ичозат диханд.

Бо хохиши Шумо, маъмурияти муассисаи ислохи ба наздатон корманди муассиаи диниро, ки бо тартиби мукарар намудаи конун ба кайд гирифта шудааст, таклиф кунанд. Ба Шумо ичозат дода мешавад, ки дар муассисахои ислохи, бо тартиби мукарар намудаи конун, ашёхои расмии дини ва адабиёти диниро нигох доред. Бо ин максад муассисаи ислохи хучраи алохида чудо мекунад.

Ба махкумшудагони гирифтори бемории вазнин, инчунин махкумшудагони хукми катл гирифта бо хохишашон гузаронидани расму оинхои лозима бо иштироки корманди муассисаи дини, мумкин аст.

Гузаронидани расму оинхои дини набояд зидди коидахои тартиботи дохили бошанд ва хукукхои дигаронро поймол кунанд[12].

### 22. Мулокот бо хешовандон

Шумо хукук ба чунин мулокотхо доред:

- Кутохмуддат, бо давомнокии 4 соат;
- Дарозмуддат, хам дар худуди муассисаи ислохи ва хам берун аз он, бо давомнокии то 3 шабонаруз.

Мулокотхои кутохмуддат бо хешу табор ва дигар шахсон дар хузури корманди муассисаи ислохи гузаронида мешавад.

Мулокотхои дарозмуддат бо хукуки зиндагонии якчоя танхо бо хешовандони наздик дода мешавад, дар холатхои истисној, бо ичозати сардори муассиса – бо дигар шахсон.

Намуд, давомноки ва тартиби додани мулокот:

| Намуди мулокот | Давомноки | Бо ки мулокот кардан мумкин аст? | Тартиби гузаронидан |
|---|---|---|---|
| *Кутохмуддат* | *4 соат* | *Бо хешовандон ва шахсони дигар* | *Дар хузури намояндаи муассиса* |
| *Дарозмуддат* | *3 шабонаруз* | *Бо хешовандони наздик ва бо ичозати сардори муассиса бо дигар шахсон* | *Бе хузури намояндаи муассиса* |
| *Дарозмуддат бо* | *3 шабонаруз* | *Бо хешовандон ва дигар шахсон.* | *Тартиб ва чои гузаронидан ро сардори* |

[11] м.12 Конун дар бораи мурочиати шахрвандон
[12] КИЧЧ м.21

| | | | |
|---|---|---|---|
| *истикомати берун аз муассисаи ислохи.* | | | *муассисаи ислохи таъин мекунад, дар колонияхои тарбияви ин намуд мулокот ба мулокоти кутохмуддат бо баромадан ба берун аз муассиса иваз карда мешавад.* |

Ба шахсоне, ки ба мулокоти кутохмуддат ба назди Шумо омаданд, овардани озукавори ва дигар ашёхо, номумкин аст.

Ба хучрахои гузаронидани мулокотхои дарозмуддат овардани озукавори (ба гайр аз машруботи спирти, пиво), либосхои шакли шахрванди барои пушидани Шумо, инчунин ашёхо ва предметхое, ки нигох доштани онхо дар муассисаи ислохи мумкин аст.

Дар холате, ки агар Шумо ба беморим вазнин, ки ба хаёт хатарнок аст гирифтор шудед сардори муассисаи ислохи хешовандони Шуморо хабардор мекунад ва ичозат медихад, ки онхо бо Шумо ба мулокоти гайринавбати оянд.

Бо хохиши Шумо мумкин аст, ки мулокоти дарозмуддат ба мулокоти кутохмуддат иваз карда шавад. Тартиби гузаронидани мулокот ва тартиби ивази як намуд мулокот ба мулокоти дигарро маъмурияти муассисаи ислохи накшагири мекунад[13].

Ба махкумшудагон пас аз як мохи ворид шудан ба муассисаи ислохи, яъне пас аз гузаштани махкумшуда мухлати карантини, ки дар ин вакт махкумшуда дар шуъбаи карантини нигох дошта мешавад, ичозат барои гирифтани мулокот дода мешавад.

Хамчун коида, танхо ду шахси калонсол мумкин аст, ки бо мулокот ба назди Шумо оянд. Бо онхо мумкин аст, ки ноболигон (бародарон, хохарон, фарзандон) оянд.

Аз хотир набарред, ки мулокотхои Шумо бо олами беруна ин хукуки Шумо, на ин ки имтиёз. Аз хамин сабаб онхо набоянд, ки хамчун чораи хавасмандгардони ё чазои интизоми истифода бурда шаванд. Хамчун чазо номумкин аст, ки Шуморо аз мулокотхо бо олами беруна махрум кунанд, агар окибати ин мулокотхо ба содиршавии чиноят наорад. Нисбати алокахои оилави ягон намуди махрумсози гузоштан, мумкин нест.

## 27. Тартиби гузаронидани мулокот

Бо аризаи худи махкумшуда ё шахси ба мулокот омада, ичозатро барои гузаронидани мулокот сардори муассисаи ислохи ё ичрокунандаи вазифаи у, медихад.

Пул, чизхои кимматнок, инчунин ашёхое, ки барои истифодабари дар муассисаи ислохи номумкин аст (бо руйхат, шахси ба мулокот омада шинос мешавад) ба шахси назоратчии гузаронидани мулокотхо, супорида мешавад.

Сардори муассиса ё муовинони у, сардори даста, ёрдамчии навбатчи шахсони ба мулокот омадаро кабул мекунанд.

Хангоми гузаронидани мулокот, ба махкумшуда ё аз тарафи махкумшуда додани ягон намуд хучаттхо, навиштачотхо ва сиёхнависхо номумкин аст.

Сухбат хангоми мулокот бо забоне, гузаронида мешавад, ки онро шахси ба мулокот омада интихоб мекунад.  Агар забони дар мулокот истифода бурда шударо, ягон корманди муассисаи ислохи нафахмад, тарчумон таклиф карда мешавад (лекин махкумшудагонро таклиф намудан мумкин нест).

## 28. Мулокот бо адвокат

[13] КИЧЧ м. 91

Бо аризаи хаттии Шумо ё аризаи хешовандон, инчунин намояндагони чомеъа ба Шумо мумкин аст, ки барои гирифтани ёрии хукуки бо адвокат мулокот кунед. Бо хохиши Шумо ва ё адвокат мумкин аст, ки ин намуд мулокотхо бе иштироки намояндагони муассиса гузаронида шаванд. Ин намуд мулокотхо хисоби мулокотхои асосиро бо хешовандон кам намекунанд, микдор ва муддати он махдуд карда намешавад. Мулокотхо бо адвокат бояд, ки танхо дар вакти бекори ва вакти аз хобхези (подъем) то хобкунии (отбой) Шумо гузаронида шаванд.

Тартиби гирифтани мулокот бо адвокат чунин аст:

Шумо ба сардори даста ё сардори муассисаи ислохи мурочиат карда, хохиш мекунед, ки ба Шумо мулокот бо адвокат барои гирифтани ёрии хукуки лозим аст. То омадани адвокат сардори даста метавонад худаш ба Шумо ёрии хукуки дихад. Харочотхои адвокатро Шумо худатон ё хешовандони Шумо бояд руйпуш кунанд.

**29. Оё Шумо хукуки гирифтани фириставу дастовез доред?**

Шумо хукук доред бидуни махдудияти микдор ва вазнини, фириставу дастовез гиред. Дар хакикат Шумо метавонед бе махдудият фириставу дастовез гиред, яъне чи кадаре, ки хешовандони Шумо фиристонанд, хамон кадар шумо фириставу дастовез гирифта метавонед. Агар дар фириставу дастовез ба Шумо дорувори фиристонанд, ин дорухо ба шуъбаи тибби, барои таботати худи Шумо гузаронида мешавад[14].

**Донед, ки** хамаи фириставу дастовезе, ки ба Шумо фиристонида мешавад аз тарафи маъмурияти муассиса тафтиш карда мешаванд ва агар ба Шумо дастовези кушодашуда биёранд, хайрон нашавед.

Бо ичозати маъмурияти муассисаи ислохи, Шумо низ метавонед фириставу дастовез фиристонед.

**30. Оё Шумо хукук ба мукотиба намудан доред?**

Шумо бидуни махдудияти микдор хукуки навишта фиристодани мактуб ва телеграмма низ, доред. Мактубхо танхо бо воситаи маъмурияти муассисаи ислохи фиристонида мешаванд. Бо ин максад дар худуди муассисаи ислохи куттихои мукотиба мавчуданд. Мактубхо ба куттихои мукотиба монда мешаванд, ё ба дасти кормандони муассисахои ислохи дар холати кушода супурда мешаванд.

